# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи “Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси насри муосири тоҷик)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.**

Сарвати фразеологии забони тоҷикӣ дар раванди инкишофи чандинҳазорсола инкишоф ёфта, ба воситаи муҳимми ифодаи ҷозибаноки фикру андеша, тасвири муҳит ва авзои ботинию ҷисмонии соҳибзабонон ва ба воситаи муҳимми зиндагии моддию маънавӣ дар адабиёти бадеӣ табдил ёфтааст. Фразеологияи ҳар як забон ба фарҳанг, ҷаҳони маънавӣ ва равонии халқ робита ва алоқамандии зич дорад. Дар баробари ин, воҳидҳои фразеологӣ чун воҳидҳои забонӣ дорои хусусиятҳои муҳимми сохторӣ ва маъноӣ буда, аз дигар воҳидҳои забон бо вижагихои махсус тафовут доранд. Маълум аст, ки воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносии тоҷик аз паҳлу ва дидгоҳҳои гуногун мавриди пажуҳишҳои илмӣ қарор гирифтаанд, вале мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии ин қабил воҳидҳои забон то ҳол мавриди баррасӣ қарор нагирифта буд.

**Навгонии илмии таҳқиқи** мавриди назар дар он аст, ки бори аввал дар забоншиносии тоҷик ба масъалаи нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маъноии фразеологизмҳои гуногунсохтор таваҷҷуҳ шуда, хулосаҳои зарурӣ бароварда шудаанд. Яқин аст, ки воҳидҳои рехтаи забони тоҷикӣ яке аз муҳимтарин воситаҳои ифодаи тасвири ҷозибанок ва таъсирбахш дар адабиёти бадеӣ ба шумор мераванд. Аз тарафи дигар, санъатҳои бадеӣ ҷузъи муҳимми назму насри бадеӣ маҳсуб меёбанд. Воситаҳои тасвири бадеӣ ва санъатҳои бадеӣ дар ташаккули маъно, мундариҷа ва сохтори воҳидҳои рехтаи забон нақши муайяне доранд. Омӯзиши робитаи сохтор ва маъною

мундариҷаи воҳидҳои рехта бо воситаҳои тасвири бадеӣ масъалаест, ки то ҳол ба таври мукаммал аз рӯйи усулҳои таҳқиқи илмии забоншиносии муосир мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, мавзуи интихобнамудаи Дустзода Ҳ.Ҷ. Мубрам ва саривақтӣ буда, дар забоншиносии тоҷик то ҳол пурра ва ҳаматарафа таҳқиқ нашудааст.

Мавзуи диссертатсия масъалаи омӯхтанашудаи забони тоҷикиро дар бар мегирад. Маводи таҳлилшуда аз насри муосири тоҷик ҷамъоварӣ гардида, бори нахуст ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Вобаста ба ин, диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан **мутобиқат мекунад.**

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқи** диссертатсионӣ ба миқдори муайяну кофии маводи таҳқиқ, эътимоднокии сарчашмаҳои илмӣ, дақиқияти маълумоти илмӣ, таҳлили забонии маводи ҷамъоваришуда ва ҳаҷми зарурии интишороти илмӣ вобаста мебошад.

**Нуктаҳои асосии** ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар 10 банд нишон дода шуда, мақсад, вазифаҳо ва мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионро дар бар гирифтаанд. Хулосаҳои муаллиф муҳтавои таҳқиқро ба таври мушахас ва бо тартиби мантиқӣ инъикос кардаанд. Нақши воситаҳои тасвири бадеии ташбеҳ, муболиға, истиора, киноя ва тавсиф дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи таҳлили маводи забони насри муосири тоҷик муайян карда шудааст. Хусусиятҳои хоси маъноӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, муболиғавӣ, истиоравӣ, киноявӣ ва тавсифӣ ба таври алоҳида муайян карда шуда, мавқеи онҳо дар фонди фразеологии забони адабии тоҷикӣ нишон дода мешавад. Инчунин мавқеи ҳар як воситаи тасвири бадеӣ дар ташаккули воҳидҳои рехта ошкор гардидааст.

**Аҳаммияти назарии** таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия дар ҳалли масъалаҳои назариявии фразелогияи умумӣ ва тоҷикӣ, масъалаҳои

маъношиносии забони тоҷикӣ метавонанд кумак расонанд. Инчунин мавод ва натиҷаҳои хулосаҳои таҳқиқ метавонанд дар илми адабиётшиносӣ, махсусан дар таҳқиқи поэтикаи осори насрӣ мавриди истифода қарор гиранд ва ба масъалаи робитаи воҳидҳои забон ва санъатҳои бадеӣ равшанӣ андозанд.

**Аҳаммияти амалии** кори диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки маводи таҳлилии онро дар таълифи фарҳангҳои тафсирию фразеологӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ оид ба фразеология, луғатшиносӣ, маъношиносӣ, сарфу наҳви забони адабии тоҷикӣ, дар курсу семинарҳои махсус барои донишҷӯёни ихтисосҳои филологии муассисаҳои олии таълимӣ истифода бурдан мумкин аст.

Сохтори диссертатсия вобаста ба вазифаҳои таҳқиқ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда тартиб дода шуда, масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки ба муҳтавои таҳқиқ мувофиқат мекунанд. Диссссертатсия аз чор боб иборат аст ва ҳар як боб дар навбати худ ба фаслҳо ҷудо шудааст.

**Боби якум** “Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар танзими маъноҳои воҳидҳои фразеологӣ” масъалаҳои назариявии маънои воҳидҳои фразеологиро дар бар гирифта, ба масъалаҳои маъношиносии забони тоҷикӣ равшанӣ меандозад. Дар ин боб масъалаҳои маъно ва робитаи он бо аломати забонӣ, маънои забонӣ ва навъҳои он, маънои фразеологӣ ва вижагиҳои он, маънои мафҳумӣ дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ, ифодаи маънои образнок дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ, маънои эҳсосотӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ, маънои баҳодиҳӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ ва нақши маҷози забонӣ дар ифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Масъалаҳои номбаршуда дар заминаи маводи фаровони забони насри муосири тоҷик таҳлил шудаанд ва аз осори назариявии забоншиносони ватанию хориҷӣ

истифода шудааст. Илова бар ин, воситаҳои забонии ифодаи маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ ва маҷози забонӣ ба тариқи ҷудогона баррасӣ шуда, тафовути онҳо аз ҳамдигар нишон дода мешавад.

**Боби дуюми** диссертатсия “Муболиға ва истиора дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ” аз 8 фасл иборат буда, ҳар як фасл боз ба зерфаслҳо ҷудо шудааст. Дар боби дуюм ва фаслу зерфаслҳои он масъалаҳои гуногуни мавзуи боби мазкур баррасӣ шудаанд. Аз ҷумла, баррасии масоили нақши муболиға дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, вижагиҳои сохтории воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, ибораҳои фразеологии феълии муболиғавӣ, ҷумлаҳои фразеологии муболиғавӣ, вижагиҳои маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, ифодаи маънои образнок дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, ифодаи мафҳум дар ибораҳои рехтаи муболиғавӣ, ифодаи маънои баҳодиҳӣ ва эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, гуруҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ба роҳ монда шудаанд. Аз рӯйи чунин сохтор инчунин нақши истиора ва ифодаи он дар воҳидҳои фразеологӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Фасли мазкур масъалаҳои зеринро дар бар гирифтааст: истиора ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии истиоравӣ, таркибҳои истиоравии фразеологӣ, ибораҳои фразеологии истиоравӣ, ҷумлаҳои истиоравии фразеологӣ, хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ, ифодаи маънои мафҳумӣ дар воҳидҳои фразелогии истиоравӣ, ифодаи маъноҳои образнок, баҳодиҳӣ ва эҳсосотӣ дар фразеологизмҳои истиоравӣ, гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ – идиома ва фраземаҳои истиоравӣ. Бояд ёдовар шуд, ки масъалаҳои номбаршуда дар асоси мисолҳои фаровони насри муосири тоҷиқ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд.

**Боби сеюм** – “Ташбеҳ дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ” ба таҳлили ифодаи ташбеҳ дар воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ бахшида шудааст. Дар фаслу зерфаслҳои боби мазкур оид ба ташбеҳ ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, нишонаҳои забонии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, ифодаи образҳои мардумӣ дар чунин навъи фразеологизмҳо, хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, таркиб, ибора ва ҷумлаҳои фразеологии ташбеҳӣ, хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, ифодаи маъноҳои мафҳумӣ, образнок, баҳодиҳӣ, эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, гурӯҳҳои маъноӣ – идиома ва фраземаҳои ташбеҳӣ, маълумот дода шудааст. Таҳлили образҳои мардумӣ дар боби мазкур хеле ғолиб буда, хулосаҳои бадастомада гувоҳи онанд, ки дар созмони ташбеҳоти фразеологӣ мавқеи калима-образҳои мардумӣ хеле назаррас буда, ҳар яке аз онҳо ба фарҳанги мардумии мо алоқамандии ногусастанӣ дорад.

**Боби чоруми** диссертатсия “Тавсиф ва киноя дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ” номгузорӣ шуда, баррасии нақши ду воситаи муҳимми тасвири бадеӣ – тавсиф ва кинояро дар ташаккули маъно ва сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ дар бар гирифтааст. Дар фаслҳои боби мазкур низ масоили нақши тавсиф ҳамчун санъати бадеӣ дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, хусусиятҳои сохториву маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ, ифодаи маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ, фраземаҳои тавсифӣ, нақши киноя дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, хусусиятҳои сохторию маъноии воҳидҳои фразеологии кинояви дар заминаи маводи фаровони бадеӣ мавриди баррасии амиқ қарор гирифтаанд, ки чунин амал дар фразеологияшиносии тоҷик бори аввал анҷом гирифтааст. Таъкид мегардад, ки нишондоди асосии мавҷудияти киноя дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ ин муқобилгузории маънои таҳтуллафзии воҳиди фразеологӣ

бо маънои ягонае мебошад, ки фразеологизм ифода мекунад: **мўйро аз хамир ҷудо кардан, даҳони касеро бастан** ва ғ.

**Хулосаю** натиҷагириҳои муаллифи дессертатсия ба далелҳои муътамади забонӣ асос ёфтаанд. Онҳо аз натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ баромада, дар 28 банд ҷамъбаст гардидаанд.

Ба сифати **сарчашмаҳои таҳқиқ** осори насрии адибони муосири тоҷик С.Айнӣ, С.Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, Ф. Муҳаммадиев, Ф. Ниёзӣ, У. Кўҳзод, К. Мирзоев, Ю.Акобиров, А. Самад, Ҷ. Акобир, Б. Абдураҳмон, Сорбон, М. Наҷмиддинов, Ш. Мўсо, А. Хамдам ва дигарон интихоб шудааст, ки таҳлилу хулосаҳои муаллифи диссертатсияро тақвият додаанд.

Асару мақолаҳои чопшуда мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Аз рўйи мавзуи диссертатсия 1 монография ва 33 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст, ки аз ин шумора 18 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Тавсияҳои амалии пешниҳоднамудаи муаллиф дар асоси натиҷагириҳои таҳқиқ пешниҳод шуда, дар рушди минбаъдаи илми фразеологияи тоҷик нақши муҳим мегузоранд. Онҳо метавонанд дар муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ, воситаҳои ифодаи забонии санъатҳои бадеӣ ва мавқеи маҷози забонӣ кумаки амалӣ расонанд. Зикр мешавад, ки барои таҳқиқи амиқи тарзҳои ифодаи маъноҳои фразеологӣ, мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ пажуҳишҳои алоҳида бояд анҷом дод. Дар фарҳангҳои фразеологӣ ҳангоми шарҳу тафсири воҳидҳои фразеологӣ бояд ба воситаҳои тасвири бадеӣ ишораи махсус гардад.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия як қатор камбудиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳоро мо бар салоҳи кор медонем:

1. Диссертатсия дар асоси маводи осори зиёди нависандагони муосири тоҷик таълиф ёфтааст. Хусусиятҳо ва услуби хоси ҳар як нависанда дар истифодаи воҳидҳои фразеологӣ барои тасвири бадеӣ бояд зикр мегардид. Вале ин масъала аз назари диссертант дур мондааст.
2. Таҳлили рақамҳои гистограммаи истифодаи воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ, тавсифӣ ва киноявӣ аз осори нависандагон анҷом нагирифтааст. Гуногунии рақамҳо ба кадом омилҳо вобастагӣ дорад? Ба услуби нависанда ё мундариҷаи асар?
3. Маълум аст, ки воҳидҳои фразеологӣ вариантҳо доранд ва ё дар шакли нодуруст кор фармуда шудаанд. Ба ин масъала низ дар рисола камтар таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст.
4. Тафовути сохторӣ ва маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ, тавсифӣ ва киноявиро метавон пурратар шарҳу тавзеҳ дод. Ба ин масъала низ дар диссертатсия камтар таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст.

Эродҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияи Дӯстзода Ҳамрохон Ҷумъаро коҳиш намедиҳанд. Кори диссертатсионии пешниҳодшуда таҳқиқи илмии яке аз масъалаҳои омӯхтанашудаи забоншиносии тоҷикро дар бар гирифта, дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ ба меъёр ва талаботи охирини Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Дӯстзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи “Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)” ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.


**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забони
тоҷикии Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев Офаридаев Назрӣ

“29” январи соли 2024

Нишонӣ: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Хоруғ, к.М.Карамшо,266-3.
Тел.: 919-26-14-06
E-mail: nazri53@mail.ru

Имзои Назрӣ Офаридаевро тасдиқ мекунам:
Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев Саидраҳмонов Н.

“29” январи соли 2024

Нишонӣ: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хоруғ, к. Ш.Шоҳтемур, 109.
Тел.:83522-2-27-79
E-mail:KSU.khorog@mail.ru